*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14,*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мазуи “ Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)”, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Дар шароити кунунӣ таъсиси механизме, ки амнияти сиёсию иқтисодиро таъмин мекунад, шарти зарурии рушди минтақа мегардад. Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди минтақа дар чунин шароит барои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад.

Муаллиф дар автореферат қайд мекунад, ки танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақа дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва таносуби ноустувори фароҳамомада хело зарур мебошад(саҳ. 10).

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда бо навгонии назарраси илмӣ хос буда, муаллифи рисола тадқиқоти ҷиддиеро анҷом додааст, ки аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи асосҳои методии рушди танзими давлатии рушди минтақа иборат мебошад.

Қайд гардидааст, ки доир ба рушд додани минтақаҳо дар илми иқтисод усулҳо ва назарияҳои гуногун вуҷуд доранд. Аз ин сабаб, омӯхтани моҳият, тавсифу таснифоти минтақаҳо ва таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин бахш, махсусан дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад(саҳ. 13).

Дар шароити ҳозира қисми бештари аҳолии минтақаи Рашт дар деҳот зиндагӣ дошта, асосан ба фаъолияти кишоварзӣ машғуланд. Субъектҳои асосии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзии минтақа, хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба ҳисоб меравандд. Кишоварзони ноҳия асосан ба истеҳсоли ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ, пиллапарварӣ, чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва моҳипарварӣ машғул мебошанд.

Дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар вазифаи асосии онҳо ин баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои соҳаи кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва содироти он ба бозорҳои минтақавию хориҷӣ баҳисоб меравад(саҳ. 15).

Дар автореферат муфассал қайд шудааст, яке аз масъалаҳои муҳим барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми иқтисодиёти бозорӣ ин

шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дастгирии давлатӣ метавонад дар рушди имкониятҳои молиявии минтақа, ҳавасмандгардонии буҷети маҳал заминагузор бошад. Бо фароҳам овардани имтиёзҳои молиявӣ, буҷетию андозӣ муносибатҳои одилонаи тақсимоти захираҳоро барои рушди бахши хусусӣ метавон амалӣ кард. Тайи солҳои охир дар иқтисодиёти аксарияти давлатҳои тараққикарда ва давлатҳои рӯ ба тараққӣ муносибатҳои дуҷонибаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ташаккул ёфта истодаанд. (саҳ.23)

Натиҷаҳои бадастовардашудаи кори диссертатсионӣ дар асоси муқарраротӣ пешниҳодгардида ва роҳҳои татбиқи афзалиятҳои минтақа дар заминаи дастгирии давлатӣ асоснок шудаанд. Сарфи назар аз он, ки мазмуни автореферат имкон медиҳад, ки ба кори рисола баҳои мусбат дода шавад, он як қатор саволҳоро низ ба миён меорад:

1. Дар автореферати диссертатсия корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои баррасишаванда кам ба назар мерасад.

2. Масъалаҳои танзими давлатии ҳамкориҳои судманди иқтисодии минтақа бо дигар минтақаҳои кишвар низ сарфи назар гардидааст.

Дар маҷмӯъ, автореферати пешниҳодшуда барои чунин хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки рисолаи илмии Деҳқонов С. А. таҳқиқоти мустақилонаи тахассусии илмии дорои навоварии илмӣ, ва аҳамияти назариявию амалӣ буда, ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, бояд ҳаминро қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мазуи "Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)", дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Декани факултети молия ва иқтисоди
Донишгоҳи давлатии Данғара
н.и.и., дотсент Қудратзода П.Қ.

Имзои Қудратзода П.Қ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25
**E-mail:** dddangara 2013@mail.ru **Тел:** 833122806